*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) E-mail: faridullo72@mail.ru*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 -Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Нишондиҳандаҳои демографии солҳои охир гувоҳи аз он медиҳад, ки шумораи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон дар як сол тақрибан 2,5% меафзояд. Ин тамоюл ба митақаи Кӯлоби вилояти Хатлон низ хос мебошад. Мусалам аст, ки бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ, талабот ба маҳсулоти ниёзи аввал аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад. Аз ин рӯ, яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рушди устувори иқтисодӣ тавассути истифодаи усулҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ мебошад. Ҳамзамон бо назардошти мавқеъи калидӣ доштани соҳаҳои мазкур дар рушди иқтисодиёти кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафҳои олӣ қабул намуда, ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо тамоми тадбирҳоро андешидаистодааст. Аз ин хотир, рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини бозорҳои дохилию минтақавӣ бо маҳсулоти кишоварзии миллӣ, метавонад дарояндаи наздик ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ мусоидаткунанда бошад. Дар робита ба ин ва дигар нуктаҳои муҳим, ки аз мубрамияти мавзӯи илмии мазкур гувоҳӣ медиҳанд ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки унвонҷӯ Намозализода Шафқат Намозалӣ, вобаста ба самти таҳқиқоти илмии худ интихоби дурӯст намудааст.

Натиҷаҳои илмии бадастовардаи Намозализода Ш.Н., ки дар автореферати диссертатсия матраҳ шудаанд, арзиши баланди илмӣ доранд ва дар амалия ҷиҳати беҳдошти вазъи таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ заминаи хуб гузошта метавонанд. Лозим ба ёдоварист, ки сохтори автореферат тибқи талаботҳои низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муаллифи рисола бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои назариявию методӣ, масъалаҳои алоқаманд бо ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва зеркомплексҳои онро хуб арзёбӣ намуда, хусусиятҳои ташаккулу марҳилаҳои рушди онҳоро ошкор намудааст. Илова бар ин, тибқи маълумотҳои автореферат мушоҳида мегардад, ки муаллиф таҷрибаи ташкил ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро вобаста ба таҷрибаи пешқадами давлатҳои алоҳида аз қабили, ИМА, Россия, Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Аргентина, Озарбойҷон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии

Қирғизистон ва Ҳиндустон омӯхта, рушди занҷираи истеҳсолу коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва то ба истеъмолкунанда расонидани онро аз ҷумлаи иқдомҳои наҷиби таъмини агроозуқаворӣ тавсия намудааст. Саҳ.12

Намозализода Ш.Н., дар асоси таҳлил ва баҳогузории нишондиҳандаҳои муайянкунандаи ҳолати кунунии соҳаи мазкур аз маълумотҳои эътимодноки илмӣ истифода намуда, дастовардҳо ва мушкилотҳои соҳаро дар тули 5 соли охир муайян ва пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, муаллиф мушкилот ва имкониятҳои рушди ин бахши муҳими соҳаро мавриди баррасӣ қарор дода, дар танзими муносибатҳо ва таъмини самаранокии соҳа, такмили низоми идоракунии КАС, тавсияҳо намуда, дар амалигардонии ин самти фаъолият нақш ва мақоми идоракунии давлатиро муҳим арзёбӣ намудааст, ки бо муаллиф комилан розӣ шудан мумкин аст. Қобили қайд аст, ки дар автореферат методҳои муқоиса ва таҳлил ба мавриД истифода шуда, объекти таҳқиқот мушаххасу аниқ баён гардида, пай дар пайи ҷумлаҳо бо услуби илмӣ-коргузорӣ ва забони асл тоҷикӣ эҷод шудаанд. Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии рисолаи мазкур, мехостам баъзан тавсияҳоро пешниҳод намоям, ки метавонанд ба арзиши илмию амалии таҳқиқот таъсири мусбӣ расонанд:

1. Истифодаи усули пурсиш дар минтақа барои бозҳам мушаххас мунайян намудани омилҳои манфии рушди ин бахш мусоидат менамуд.
2. Хуб мешуд, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот барои муқоиса ба таври намунавӣ таҷрибаи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии дигар минтақаҳои ҷумҳуриро баҳогузорӣ менамуд.

Эродҳои дар афтореферат овардашуда характери тавсиявӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро таъғйир намедиҳанд. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» пешниҳодгардида, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифаш - Намозализода Шафқат Намозалӣ сазовори дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 -Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақризнавис:
Мудири кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара,
н.и.и., дотсент — Сафаров Қ.С.

Сафаров Қаландар Саймаҳмудович
Тел: (+992) 108-70-70-70
E-mail: safarov.kalandar@mail.ru

**Имзои Сафаров Қ.С.- ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара
“01” 04 2024 — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО